**ТАҚРИЗИ**

роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика ва кафедраҳои таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ, илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзӯи **«Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ»**

Рисолаи илмии Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзӯи **«Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ»** аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия)

Тавре аз таҳлилҳо бармеояд, ибтидои асри XXI дар рушду инкишофи соҳаи маорифи кишварҳои пешрафта марҳилаи нав, яъне дунёи иттилооту техникаро кушод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин самт истисно нест, яъне кишвари мо ҳам бо ба даст овардани соҳибистиқлолӣ тадриҷан ба раванди умумиҷаҳонии маориф ворид гардид.

Дар қисмати муқаддимаи рисолаи мазкур мавзӯъ, зарурияту сатҳи омӯзиш ва навгониҳо асоснок гардида, мақсаду вазифаҳо дақиқан муайян ва заминаи сарчашмаҳои мавриди омӯзиш қарордошта баён гардидаанд, инчунин, аҳамияти илмӣ- назариявӣ ва амалии кор муқаррар гардидааст.

Вобаста ба мазмуни таҳқиқот махсус таъкид кардан мумкин аст, ки дар Тоҷикистон ба душвориву пешомадҳои иттилоотикунонӣ чун самти асосии навсозии низоми таҳсилот, ки проблемаи асосии дурнамои рушди тамаддун баҳогузорӣ мегардад, таваҷҷуҳи хоса дода шуд. Вобаста ба ин, дар даврони соҳибистиқлолӣ дар доираи сиёсати давлатӣ дар самти таҳсилот як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлатӣ таҳияву қабул гардидаанд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олӣ, Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», Барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015, Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва ғайра.

Дар ин замина, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон низ зикр намуданд, ки: «Вақте мо дар бораи тарбияи насли наврас мегӯем, набояд фаромӯш кунем, ки онҳоро

бояд дар мактабҳо бо таҷҳизотҳои муосир, аз ҷумла компютерҳо таъмин намоем».

Дараҷаи коркарду истифодаи захираи муосир, аз ҷумла барномаву технологияҳои компютерӣ, ки воридсозии комилан мувофиқи он ба ҷараёни таълим метавонад дараҷаи ташаккули салоҳиятнокии касбии хатмкунандагони ихтисоси дефектология, аз ҷумла донишҷӯ-логопеди мактабҳои олиро таъмин намояд, ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст, ки бо ин мубрамияти таткиқоти мазкур муайян гардидааст.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст.

*Боби якум бо унвони* "**Заминаҳои назариявӣ-педагогии таълим ва тарбияи кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ"** муайян намудааст, ки истифодаи имкониятҳои технологияҳои муосири иттилоотӣ дар баробари истифода дар ҷараёни таълими кудакони солими синни томактабӣ, инчунин дар таълиму тарбияи кудакони имконияти маҳдуддошта, аз чумла дорои нуқсонҳои нутқидошта доираи намудҳои фаъолияти таълимиро васеъ гардонида, имкон медиҳад, шаклу усулҳои мавҷудаи ташкили таълим такмил ва шаклу усулҳои нав таҳия гарданд. Машғулият бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ба ҳалли яке аз вазифаҳои асосии тарбияи ислоҳӣ – инкишофи шахсияти кӯдак, қобилиятҳои сарфаҳмравӣ ва ба ҷомеаи муосир мутобиқшавии кӯдакони имконияти махдуддошта таъсир хоҳад кард.

*Тавре бо воситаи бо боби дуюм* – «**Шароитҳои озмоиши истифодаи технологияҳои компютерӣ дар корҳои ислоҳӣ-логопедӣ бо кудакони синни томактабӣ**» исбот гардидааст, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ қисми ҷудонашавандаи стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ буда, дар кори ислоҳию инкишофдиҳанда мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Компютер дар боғчаи кӯдакон на ҳамчун дастгоҳи алоҳидаи таълим бо бозӣ, балки ҳамчун системаи универсалии иттилоотӣ баррасӣ карда мешавад, ки бо самтҳои гуногуни ҷараёни таълиму тарбия ҳамгиро шуда, муҳити инкишофёбандаи боғчаи кӯдаконро такмил ва тағир дода метавонад. Дар доираи татбиқи барномаи мутобиқшуда барои кӯдакони дар инкишоф нуқсондошта дар назди омӯзгорон вазифаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ гузошта мешавад, чунки ин барои ташаккули малакаҳои гуногун, ба монанди таваҷҷуҳ, хотира, моторикаи хурд ёрӣ расонда, ба инкишофи нутқ ва фикрронӣ мусоидат мекунад. Бо ёрии онҳо на танҳо қобилиятҳои зеҳнии кӯдак, балки сифатҳои ирода, ба монанди таваҷҷуҳи ихтиёрӣ, мустақилӣ, омодагӣ, бодиққатӣ, босабрӣ ташаккул ёфта, илова бар ин, захираи донишҳо ва маҳорату уҳдабарой шакл мегиранд.

Дар қисми амалии озмоиши барномаи логопедии компютерии «Заргӯши доно» барои ислоҳи нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ (алалия) таҳия ва сохта шуда, он кори самараноки бартараф кардани нуқсонҳои нутқро ҳангоми дизартрия, дислалия, ринолалия,

лакнатзабонӣ, инчунин ҳангоми нуқсонҳои дуюмдараҷаи нутқ имконпазир мегардонад.

Ҳамин тариқ, муҳаққиқ тавонистааст исбот намояд, ки истифодаи технология ва барномаҳои компютерӣ дар раванди таҳсилоти фарогир аз ҷумла, корҳоиислоҳии кудакони нуқсони нутқидошта тағироти мусбати сифатнокро ба бор оварда, қобилиятҳои зеҳнии кудакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабиро инкишоф ва сатҳи мустақилияти онҳоро баланд бардошта, ин гуруҳи кӯдакон ба таълиму тарбия бештар шавқу завқ пайдо хоҳанд кард.

Ба ақидаи муҳаққиқ, вазифаҳои гузошташуда иҷро гардида, инчунин дар ҷараёни таҳқиқи назариявии мавзӯи диссертатсия ва озмоишӣ педагогӣ фарзияҳои таҳқиқот тасдиқ шуданд. Натиҷаҳои ҳосилшудаи назариявию амалиро барои таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои таҳсилоти фарогир дар мактабҳои олӣ, ки омузгорон-дефектологони ояндаро аз рӯи ихтисосҳои логопед, сурдопедагог ва олигофренопедагог омода мекунанд, истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертант дар маҷаллаҳои эътирофгардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои махсуси илмӣ ба табъ расидаанд.

Бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки мавзуи интихобнамудаи диссертатсияи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович таҳқиқоти мубраму муҳим дар соҳаи педагогика, бахусус педагогикаи махсус ҳисобида шуда, муҳаққиқи ҷавон метавонад пажӯҳиши масъалаи интихобнамудаашро минбаъд ба таври васеъ идома диҳад.

Рисола ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) ҷавобгӯст.

**Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои педагогӣ,**
**Дотсент, декани факултети “Психология”-и**
**ДДОТ ба номи С.Айнӣ** **М.Дадобоева**

**Имзои дотсент Дадобоева М.-ро**
**тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ** **А.Мустафозода**